Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-002 назди Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб (735360, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
Кӯчаи С.Сафаров-16)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Исмоилова Мубаракби Кенжаевна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия)**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, барои таъмини рушду нумуи соҳаи мазкур тадбирҳои муҳимми давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ доир ба рушди илмҳои табиатшиносию дақиқ ва таъмини рушди илмҳои соҳаи мазкур бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳо ва дигар санадҳои расмии давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки бешубҳа дар ин марҳилаи рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар дорои аҳамияти муҳим мебошанд.

Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки: - “Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шавад”.

Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи “**Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия"** мубрам ва зарур арзёбӣ шуда,

ҳамчун мавзуи диссертатсионӣ интихоб шудани он барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, ду боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Бояд зикр намуд, ки муқаддима, дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва таълиф шудааст.

Боби аввали диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии тайёр намудани донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия»** аз се зербанд ва хулоса иборат аст. **Зербоби якуми он** ба таҳлили масъалаи "Асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули шавқу завқи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар дарсҳои химия" бахшида шуда, зикр мегардад, ки дар ҷараёни омӯзиши химия тибқи талаботи педагогию дидактикӣ ду ҷараён, яъне таълим ва инкишоф бо ҳам алоқаманд мебошанд. Инкишоф, ин аз тарафи донишҷӯён дарк намудани вазифаҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо ҳангоми омӯзиши химия ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, тайёр кардани мутахассисони касбии банду қисматҳои химия дар замина ва талаботи барномаҳои таълимӣ, замони таҳаввулоти илмӣ-техникӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои олӣ, омӯзгор ва сохтору муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, устодони фанни химия вазифадоранд, ки ба донишҷӯён, омӯзгорони оянда роҳу усул ва методҳои илмӣ-маърифатӣ, яъне гузаронидани машғулияти озмоишӣ-таҷрибавиро тибқи талаботу нишондодҳои барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии маълумоти олии касбии ҷумҳурӣ ва бо истифода аз методҳои мушоҳидаю эксперимент ба таври васеъ фаҳмонида баррасӣ намоянд.

Истифодаи методи илмӣ-маърифатии таҳқиқотӣ аз нигоҳи педагогӣ барои шиносоӣ бо принсипҳои таълим, аз ҷумла системанокӣ ва

пайдарпайии таълим, айёниятнокии таълим, принсипи алоқамандии назария бо амалия, методҳои мушоҳидаю озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот, ба дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён мусоидат менамоянд.

**Зербоби дуюми боби мазкур** таҳлили масъалаи “Нақш ва мақоми машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён”-ро дар бар гирифта, дар ин қисмати кор муаллиф кӯшиш намудааст, ки маҳз таъсири машғулиятҳои амалиро дар раванди дарсҳои химия ба фаъолияти маърифатии донишҷӯён мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор диҳад. Азбаски химия илми эксперименталӣ-назариявӣ мебошад, таъкид намудааст муаллиф, бинобар ин, омӯзиши моддаҳо ва равандҳои химиявӣ ба таҳлили далелҳо, ки дар вақти эксперимент ба даст оварда шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ фаҳмонидан ва ҷамъбаст кардани онҳо асос меёбанд. Агар далелҳоро дар асоси назария ва қонунҳои мавҷуда маънидод кардан мумкин бошад, онҳо барои қавӣ сохтани қонун ва назария хизмат мекунанд. Вале далелҳои шавқоваре, ки ба ин назарияҳо маънидод карданашон номумкин бошад, сабабгори пайдо шудани назария ва қонунҳои нав мешаванд. (С.57)

**Дар зербоби сеюм** –“Роҳу усулҳои гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия - асоси ташаккули фаъолияту нерӯи зеҳнии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” – муаллиф баргузории намоиш, озмоишҳо ва машғулияти амалиро дар раванди омӯзиши фанни химия ҳамчун ҷузъи муҳими талаботи барномаи таълимӣ арзёбӣ намудааст. Ӯ бамаврид таъкид менамояд, ки маҳорати таҷрибавии донишҷӯён дар ҳолате ташаккул меёбад, ки онҳо мустақилона асбобҳоро ҷамъ намуда, таҷрибаро низ мустақилона гузаронида тавонанд.

Аз ин рӯ, муайян кардани тачриба дар раванди донишазхудкунӣ аҳамияти муҳим касб менамояд. Таҷрибаҳо ба донишҷӯён имкон

медиҳанд, ки донишҳои қаблан ба даст овардаашонро дар асоси гузаронидани озмоишҳо таҳким бахшанд ва мустаҳкам намоянд. Корҳои озмоишӣ имкон медиҳанд, ки донишҷӯён дар доираи барномаи таълимӣ маълумоти мукаммалу ҳаматарафа гирифта, тавассути корҳои таҳқиқотӣ-эҷодӣ ба таҳлили ҳодисаҳои химиявӣ мароқ зоҳир намоянд. Дар заминаи корҳои озмоишӣ дар ниҳоди донишҷӯён маҳорат ва малакаи азхудкунии маводи химиявӣ ҳосил шуда, бо асбобу анҷомҳои таҷҳизоти химиявӣ шиносоӣ пайдо намуда, роҳу усулҳои самаранокро аз бар менамоянд. (С.75)

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили масъалаи “**Машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия–асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён”** бахшида шуда, се зербоб ва хулосаро дар бар мегирад. Дар **зербоби якум** – “Нақши усулҳои таълим дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши машғулиятҳои амалӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия”– муаллиф дар такя ба омӯзиши асарҳои дигар муҳаққиқон таъкид менамояд, ки барои омӯзиш, таҳқиқ ва муоинаи амалии методҳои умумии таълимию педагогӣ ва дараҷаи донишазхудкунӣ бо омӯзгорону донишҷӯён гузаронидани саволномаҳо-анкетаҳо ё тестҳо, корҳои хаттӣ ва сухбатҳои шифоҳӣ муфид мебошад. Зеро ки тавассути сухбатҳои шифоҳӣ бо омӯзгорон, истифодаи саволнома-анкетаҳо дар раванди дарс, машғулияти беруназаудиторӣ, корҳои хаттӣ аз фанни химия, боиси ташаккули дараҷаи донишандӯзӣ, маҳорату малакаи донишҷӯён мегардад. Дар ҳамфикрӣ бо муаллифони дигар ӯ ба хулосае меояд, ки мавқеи асосиро дар эксперименти химиявӣ баҳисобгирии мазмун, мундариҷа, мақсад ва вазифаҳои нақшавии он ишғол менамоянд. (С.94)

**Зербоби дуюми боби мазкур** ба таҳқиқи масъалаи “Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни гузаронидани корҳои амалӣ-таҷрибавӣ дар дарсҳои химия” бахшида шудааст. Диссертант ба масъалаи истифодаи самараноки техника ва

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълими химия таваҷҷуҳ намуда, нақши калидӣ доштани онро дар раванди гузаронидани таҷрибаю озмоишҳо, омода ва ҳимояи рисолаҳои хатм ва корҳои курсӣ муҳим арзёбӣ намудааст. Техника ва технологияи иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо истифодаи методҳои маъмули таълим имкон медиҳад, ки ҳар як омӯзгор маҳорати таҳқиқотӣ-эҷодӣ ва малакаи таълимгирандагонро бедор намояд ва истифодаи усулҳои навини таълим, сифати таълим ва дараҷаи азхудкунии толибилмонро таъмин намояд.

Вобаста ба ин, таъкид мегардад, ки дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти илму техникаи навин омӯзгорон бояд дониш ва маҳорату малакаи донишҷӯёнро бо ҷанбаҳои азхудкунии тафаккури техникӣ, комёбиҳои технологияи муосир, яъне технологияи итилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими химия ташаккул диҳанд. (С.108)

**Дар зербоби сеюми рисола** –“Натиҷаи ниҳоии корҳои таҳқиқотӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”– муаллиф натиҷаҳои назарпурсиеро, ки дар байни донишҷӯёни се  муассисаи таҳсилоти олии касбии соҳаи омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон баргузор намудааст, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст. Дар раванди озмоиш ё эксперименти педагогӣ аз тариқи саволнома-анкетаҳо (тестҳо) аз банду қисматҳои сикли фанҳои химия корҳои хаттӣ-санҷишӣ, пурсишҳо ё саволномаҳои шифоҳӣ гузаронида шуда, намунаи саволномаҳо, инчунин, мақсади роҳу усулҳо, методҳои интихоб намудаи саволномаҳо-анкетаҳо барои ҳар як курс оварда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки озмоиш бо фарогирии васеи иштирокчиён баргузор шуда, дар он 570 нафар донишҷӯ ва 30 нафар омӯзгор ширкат варзиданд, ки ин барои натиҷагирии воқеӣ ва асонок мусоидат менамояд. Тавассути овардани рақамҳои муқоисавӣ дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо доир ба натиҷаҳои озмоиш, инчунин, таҳлили илмию

мантиқии онҳо зимни таҳияи қисматҳои алоҳидаи рисола муаллиф тавонистааст доир ба ҳадафу вазифаҳое, ки дар кори тадқиқотӣ пешбинӣ шуда буданд, хулосаҳои амиқу асоснок пешниҳод намояд.

Дар қисмати **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои асосии кори тадқиқотӣ инъикос ёфта, ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи мавриди таҳқиқ қарорёфта таҳлилу арзёбӣ шудаанд. (С.161-165)

Рӯйхати адабиёт тибқи муқаррарот омода карда шудааст.

Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ нашр гардидаанд, мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Дар баробари арзиши муҳими илмӣ доштанаш, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ироаи онҳоро зарур мешуморем:

1. Дар баёни баъзе андешаҳо алоқамандии мантиқӣ чандон равшан эҳсос карда намешавад. Андешаҳои дар диссертатсия овардаи муаллиф бояд дар робита ва ҳамгиройии амиқи услубиву мантиқӣ баён меёфтанд. Хусусан, омезиши фикр дар зербоби сеюми боби дуюм бештар мушоҳида мешавад. (С.121-158)

2.Барои беҳтар дастраси зеҳни хонандагон шудани назари муаллиф тавсия мегардад, ки зимни баёни андеша он истилоҳоте мавриди истифода қарор дода шаванд, ки фаҳмотару содатар бошанд.

3.Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Мазмун ва

муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилова Мубораки Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён аз фанни химия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия) пешниҳод гардидааст, кори илмии мустақилона баанҷомрасида маҳсуб шуда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини декан оид ба корҳои таълими факултети
биология ва химияи Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Ахмедова З.С.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Тел: +992 (3422) 6-52-73
Факс: +992 (3422) 6-75-18
Вебсайт: www.hgu.tj

**Имзои Ахмедова З.С.**-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва КМ ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров: **Наврузов Э.М.**